# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ ва густариши муносибатҳои бозоргонӣ, муносибатҳои иҷоравӣ, бахусус шартномаи иҷораи бино ва иншоот, ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ аҳамияти хос пайдо менамоянд. Хусусиятҳои хоси молу мулки ғайриманқул ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ зарурати танзими махсуси ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоотро ба миён оварда, нақш ва мавқеи онро дар низоми муносибатҳои маданӣ муайян менамоянд.

Дар ин замина, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷоравии бино ва иншоот бо дарназардошти хусусиятҳои объекти иҷора, мақоми ҳуқуқии тарафҳо, талаботи вобаста ба бақайдгирии давлатӣ, тартиби муайян намудани арзиши объекти иҷора, табиати ҳуқуқии намудҳои шартномаи мазкур, инчунин шарту тартиби бастан, тағйир ва қатъи он, ҳамчунин масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии тарафҳо амалӣ мегардад, ки дар маҷмӯъ зарурати танзими махсуси ин намуди шартномаро асоснок менамояд.

Дар шароити муосир таҳқиқи шартномаи иҷораи бино ва иншоот аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Рушди босуръати фаъолияти сохтмонӣ ва афзоиши талаботи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ба истифодаи молу мулки ғайриманқул зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи ин намуди шартномаро ба миён овардааст. Ҳамзамон, дар соҳаи танзими муносибатҳои иҷоравӣ як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳалталаб боқӣ мемонанд, ки бартараф намудани онҳо ба такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ мусоидат менамояд.

Шартномаи иҷораи бино ва иншоот дорои аҳамияти муҳими иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, ба истифодабарии самараноки молу мулки ғайриманқул аз қабили бино ва иншоот, ташаккули манбаъҳои даромад, афзоиши воридоти буҷет ва таъмини назорати давлатӣ тавассути механизмҳои бақайдгирӣ ва тасдиқи нотариалӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди такмили қонунгузорӣ, муносибатҳои мазкур ҳанӯз ҳам ба танзими мукаммал ниёз дошта, дар шароити гуногуншаклии моликият бино ва иншоот ҳамчун объектҳои муҳими муомилоти маданӣ баромад намуда, ба соҳибони онҳо имконият медиҳанд, ки тавассути ба иҷора додани амвол манфиатҳои иқтисодии худро амалӣ намоянд.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз мураккабӣ ва серпаҳлу будани мавзуъ муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҳқиқотро дар сатҳи баланди илмӣ анҷом диҳад ва ноил гардидан ба ин ҳадаф ба ӯ муяссар шудааст.

Сохтори автореферати тақризшаванда аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, маводди илмӣ бо низоми муайяни мантиқӣ оварда шудаанд ва мақсаду ҳадафҳои таҳқиқот дар он инъикос ёфтааст. Пешниҳодҳои илмии диссертант дорои аҳамияти амалӣ буда, метавонанд ба такмили қонунгузорӣ ва рушди амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мусоидат намоянд.

Маврид ба зикр аст, ки сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, интишороти илмии довталаб, пешниҳоди маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Диловар Қосим таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим буда,

мубрамияти илмии он шубҳаовар нест. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертант моҳияти мавзӯъро амиқ дарк намуда, масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалии онро бо риояи мантиқи илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ ва анҷомёфта будани диссертатсия, дар таҳқиқот баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд. Ҳамзамон, аз автореферат бармеояд, ки муаллиф пешниҳод намудааст, банди 24 Тартиби ба иҷора супоридани амволи давлатӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №537) дар таҳрири нав қабул карда шавад. Дар робита ба ин пешниҳод, зарурати асоснок намудани таъсири он ба танзими самараноки муносибатҳои иҷоравии амволи ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф мавқеи илмии худро оид ба асоснокии пешниҳод ва аҳамияти амалии он муфассалтар шарҳ диҳад.

Эроди мазкур ба сатҳ ва сифати автореферати диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, метавонад ба такмил ва пурра гардидани таҳқиқот мусоидат намояд.

Зикр намудан зарур аст, ки диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аввалин таҳқиқоти илмии комил ва алоҳида вобаста ба танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи бино ва иншоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он мебошад. Вобаста ба ин, натиҷаҳои аз он ба даст омадаро мусбӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти диссертатсияро инъикос намуда, маводҳои илмӣ пай дар пай матраҳ гардида, нисбат ба онҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шудааст, ки шоистаи дастгирист. Мазмуни автореферати диссертатсияи Раҳимзода Диловар Қосим шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқшуда дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
Сарходими Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ,
Узви вобастаи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм
ва техникаи Тоҷикистон Раҳимзода М.З.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ 275, ҳ.19
Телефон: 8 (992) 37225-77-77, моб. 918868877
Почтаи электронӣ: zabir54mail.ru
Сомона: www.philosophy.tj

**Имзои Раҳимзода М.З.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири кадрҳои Институти давлат ва
ҳуқуқи АМИТ Давлатмуродзода Б. Д.

НОЗИРИ КАДРҲО PERSONNEL OFFICER

«14» 04 2026 с.

**Суроға**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: 2-21-65-85, факс: 2-21-66-72
Почтаи электронӣ: idh@amit.tj
Сомонаи интернетӣ: https://www.idhamit.tj